# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Абдуев Эмом Субҳонович тахти унвони «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 24 с.**

Толиби Омулӣ дар интихоби калима, таркибҳову иборот мустақилияти бештар дошта, интихоб ва ҷойгузинии вожа, калимасозӣ ва таъбирофарӣ, вуруди вожаву таркибот аз вусъати фарҳанги мардумӣ ва корбандии муваффақонаи онҳо аз нишонаҳои ҷолиби ҳунари ин суханвар маҳсуб меёбанд. Ба ибораи дигар, истифодаи мувофиқ ва интихоби вожаҳо барои ғановати ҳунариву маъноии шеър аз омилҳои муҳимми муассир маҳсуб мегардад, чун асолати шеър бар калимаву иборот такя мекунад.

Барои мушаххас кардани ҳунари шоирии ин ё он адиб, пеш аз ҳама, бояд ҷанбаи забонии ашъори ӯ ба доираи таҳлил кашида шавад. Омили аслии он ба ин нукта пайванд мегирад, ки то ҳол ба таври дақиқ муайян сохтани ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар заминаи маводи осори адибони алоҳида ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Маҳз чунин муаммо унвонҷӯ Абдуев Эмомро водор кардааст, ки тайи чанд сол оид ба хусусиятҳои лексикии ғазалиёти Толиби Омулӣ тадқиқот анҷом дода, бардошташро дар якчанд мақолаву рисолаи ҷудогона маҷмуа созад.

Ҳамин тариқ, пас аз ковишу талоши чандсола, муҳаққиқ Э. Абдуев рисолаеро бо номи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» анҷом дода, барои дифоъ манзур намудааст.

Сохтори рисола, чунонки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва феҳрасти манобеи истифодашуда фароҳам омадааст.

Дар муқаддима аҳамияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии кори диссертатсионӣ мушаххас шудаанд. Ҳамзамон, сарчашмаҳо, методологияи таҳқиқ, арзишҳои назариву амалӣ, навовариҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ зикр гаштааст.

Боби якум – «Масъалаҳои назарии лексика дар забони назм» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Мавзуи меҳварии боби мазкур доир ба назарияи лексика ва таснифоти он рабт дошта, унвонҷӯ бо такя ба афкори олимони ватаниву хориҷӣ вижагиҳои назарии ин қисмати забонро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант бар ин назар аст, ки калимаву дигар воҳидҳои забонӣ дар назми адабиёти суфия на чун як аломати қолабдошта, балки аз ҷиҳати ифодаҳои маъноиву семантикӣ мақоми хосеро ишғол намуда, маъниҳои тозаро тавлид кардаанд. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам дар олами шеъру адаб осори тасаввуфӣ як ҷузъи муҳимтарини таркибии таърихи забони адабӣ маҳсуб буда, тадқиқоти махсусан муҳимро тақозо мекунад (с.10).

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои маъноии лексикаи ирфонии ғазалиёти Муҳаммад Толиби Омулӣ» унвон гирифта, фарогири панҷ фасл мебошад. Муаллиф дар ин боб доир ба масъалаҳои сермаъноии калимаҳо, муродифот, мутазод ва омонимҳо сухан ронда, сабки Толиби Омулиро аз бакоргирии чунин воҳидҳои забонӣ муқаррар сохтааст (с.12-15). Пас аз таҳлилу баррасӣ унвонҷӯ ба чунин хулоса расидааст, ки «мутазодҳо дар забон яке аз муҳимтарин категорияи лексикӣ мебошанд ва барои шинохти вожаҳои ифодакунандаи ашёҳо, мафҳумҳо, ҳодисаю воқеаҳое, ки хусусияти зидмаъноӣ доранд, мусоидат менамоянд. Толиб дар ин санъати шоирона дасти тавоно дорад ва аз ҷилваҳои ин гуна тобишҳо дар шеър моҳирона истифода кардааст» (с.14).

Боби сеюми рисола «Таснифоти мавзуии лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» унвон гирифта, дар он лексикаи антропономӣ, тасвири номҳои ҳархела дар ғазалиёт, номи растанию дарахтҳо дар ғазалиёт, номи маҳал ва рӯду обҳо дар ғазалиёт ва лексикаи зоономӣ дар ғазалиёти Толиби Омулӣ, ба доираи таҳқиқ кашида шудааст (с.15-19).

Дар хулосаи рисолаи мавриди тақриз муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар даҳ банд натиҷагирӣ шудаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуни рисола ва авторефератро ифода менамоянд.

Дар баробари мухассаноти зиёд дар автореферати диссертатсия бархе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар оянда бар манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (ниг. с.10; 10; 14) ба назар расиданд.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Абдуев Эмом Субҳонович таҳти унвони «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» мутобиқ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи рисолаҳои номзадӣ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ Қӯрғонов З. Д.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
тел.: +992 92 840 11 65;
почта: suhanvar1983@mail.ru

«Имзои дотсент З.Қӯрғоновро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

“___”______________с.2023